# ТАҚРИЗ

**барои автореферати рисолаи Гадоев Маъруф Аҳмадович дар мавзӯи: "Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ пешниҳод гаштааст.**

**Мубрамияти таҳқиқот**. Дар солҳои охир афзоиш ва паҳншавии сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (СБРАҶГ) ба назар мерасад. Тибқи маълумотҳои охир шумораи беморони сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш зиёд шуда истодааст ва бештар дар ҷавонони қобилияти коридошта вомехӯранд. Майли беморон ба одатҳои бад, аз ҷумла, истифодаи машрубот ва тамокукашӣ, ки дар 38,4% беморон вомехурад, инчунин омилҳои иҷтимоӣ, яъне шароити бади моддӣ-маишӣ, набудани шуғли кору таҳсил ва муҳоҷират, ки ба омилҳои хавфи беморони гирифтори СБРАҶГ ва сили шуш дохил мешаванд, аз тарафи муаллифон ошкор карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки СБРАҶГ боиси вайроншавии низоми иммунӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи системавӣ мегарданд. Бинобар ин, барои табобати онҳо доруҳои иммуностимуляторӣ пешбини шудаанд.

Ҳамин тариқ, сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сили шуш бемориҳои сироятии дорои роҳҳои гуногуни гузариш, вале хусусиятҳои якхелаи эпидемиологӣ доранд.

Чи тавре, ки аз маълумотҳои автореферати рисолаи илмии Гадоев М.А. маълум мегардад, ӯ эпидемиология, омилҳои рушд, баъзе тарафи патогенези бемориро омӯхта ва роҳҳои нави табобати онро пешниҳод кардааст, ки бешубҳа, актуалӣ, сари вақти ва хоса дорои илмӣ-амалӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки довталаб, бори аввал дар Тоҷикистон зуҳуроти клиникӣ ва лабораторӣи сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷояги бо сили шушро омӯхтааст. Муайян кард, ки дар беморони сили шуш сироятҳои урогениталӣ дар 74,1% беморон ба шакли сироятҳои омехта намояндагӣ мекунанд, ки дар 55%-и ҳолатҳо хламидиоз ва дар 85,2% ҷараёни музмин характернок мебошад. Усули нави табобати беморон бо истифодаи Азитромитсин ва Тимогар дар якҷоягӣ бо муолиҷаи зиддисилии антибактериалӣ 1,7 маротиба фоидабахш буд.

Исбот шудааст, ки пешниҳоди муаллифи оиди табобати пурраи беморон, дуруст, фоидаовар ва натиҷаҳои табобат дар муқоиса бо дигар усулҳои табобат хуб аст.

Кори Гадоев М.А. дорои натиҷаҳои кофӣ, илмӣ ва амалии, ки барои рисолаҳои номзадӣ мувофиқ аст мебошад. Усулҳои тадқиқоти муосир истифода бурда, натиҷаҳои оморӣ коркард шуда аст. Хулоса аз вазифаҳои дар пеш истода бармеояд.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Гадоев М.А. аз рӯи мубрамият, навоварии илмӣ, ҳаҷми тадқиқотҳои иҷрошуда, аҳамияти амалии натиҷаҳои ба дастомада тадқиқоти пешниҳодшуда ба талаботҳои фасли 3, бандҳои 31, 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ…», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 барои диссертатсияҳои номзадӣ тасдиқ гаштааст, мутобиқ буда, худи унвонҷӯ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб сазовор мебошад ва муаллифи он ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз руйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ сазовор мебошад.

**Ассистенти кафедраи дерматовенерологияи**
**бо курси косметологияи**
**МДТ «ДТБСТҶТ», н.и.т.** **Салимов Б.М.**

ПОДПИСЬ
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
« 13 » 06 20